Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия», бо мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарофзода Рустам Шароф, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2025. – 387 с.)

Дар шароити муосири ҷаҳонӣ давлатҳо ба масъалаҳои сиёсати ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти мақомоти қонунгузор аҳамияти махсус медиҳанд. Онҳо бо мақсади мутобиқсозии заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ менамоянд. Дар ин замина, таҳқиқи масъалаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун омили таҳкими заминаҳои давлатдорӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмию амалии хосса дорад.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии пешниҳодгардида зери унвони «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» аҳамияти хоса пайдо мекунад. Ин муҳиммият пеш аз ҳама ба нақши ҳалкунандаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва механизмҳои татбиқи он дар таҳкими суботи ҷомеа ва таъмин намудани рушди устувор вобаста аст. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дастгирии онҳо аз ҷониби

табақаҳои гуногуни ҷомеа яке аз заминаҳои муҳими пойдории давлат маҳсуб меёбад.

Дар шароити истиқлолият, давлат на танҳо василаи татбиқи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мебошад, балки масъулияти таъмини амнияти ҳуқуқӣ ва сиёсиро низ ба зимма дорад. Аз ин рӯ, таҳлили илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун ҷузъи раванднои давлатсозӣ дорои аҳамияти баланд буда, ба вусъати муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзими самараноки онҳо мусоидат мекунад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути қабули қонунҳои нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои мавҷуда на танҳо низоми ҳуқуқиро навсозӣ мекунанд, балки сохтори идорӣ, салоҳият ва масъулияти субъектҳои ҳокимиятиро низ бознигарӣ менамоянд. Ин раванд дар ташаккули минбаъдаи давлатдорӣ нақши муҳим мебозад.

Мавзӯи мазкур то имрӯз дар доираи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба таври ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Гарчанде баъзе паҳлуҳои он аз ҷониби таърихнигорон ва ҳуқуқшиносони назариявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта бошанд ҳам, таҳқиқоти мукаммалу низомманд оид ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва таъсири он ба раванди таҳкими давлатдорӣ то кунун нокофӣ боқӣ мондааст.

Дар шароити нави рушди давлатдорӣ, таҳияи усул, восита ва механизмҳои муосири ҳуқуқэҷодкунӣ бояд бо назардошти манфиатҳои миллӣ сурат гирад. Ин раванд на танҳо аз таҷрибаи ҳуқуқии байналмилалӣ, балки аз анъанаҳои давлатдории таърихии ниёгон низ бояд баҳра гирад. Дар ҳамин замина, муаллиф тавонистааст як қатор механизмҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян ва бо далелҳои илмӣ асоснок намояд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон роҳи давлатдории мустақилро пеш гирифт. Ин марҳилаи таърихӣ барои эҳёи арзишҳои миллӣ, забон ва фарҳанги миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар ҳамин раванд, зарурати таҳияи сиёсати нави ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеа ба миён омад. Яке аз вазифаҳои калидии ин таҳқиқот низ маҳз

дар он ифода ёфтааст, ки чунин сиёсати ҳуқуқӣ бояд ҳадафмандона, бо такя ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва ба нафъи ҷомеаи миллӣ ташаккул ёбад.

Дар ин замина, мавзуи таҳқиқшуда дорои аҳамияти баланди илмӣ ва ҳамзамон амалӣ мебошад. Зарурати татбиқи амалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, махсусан дар марҳилаи кунунии давлатдории миллӣ, онро ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил додааст.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ диссертатсияи пурра ва муназзамеро омода намудааст, ки аз муқаддима, чор боб, сенздаҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалӣ, рӯйхати адабиёти илмӣ ва феҳристи корҳои нашршуда иборат мебошад. Сохтори тадқиқот пайдарпайии мантиқиро дар бар гирифта, мавзуъро бо истифода аз равиши аз умумӣ ба хусусӣ таҳлил мекунад. Муаллиф дар ҳар боб ба масъалаҳои алоҳидаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, робитаи байни ҷузъҳои мавзуъро тавсиявӣ ва илмӣ асоснок намудааст. Таҳқиқот дар асоси усулҳои илмии муосир анҷом ёфта, бо хулосаҳои муҳими назариявию амалӣ анҷом меёбад.

Дараҷаи навоварӣ ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада ва барои ҳимоя пешниҳод шудаанд

Дар натиҷаи тадқиқоти анҷомдода, муаллиф 15 навгониро ҳамчун дастовардҳои илмии худ барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Гарчанде дар матни диссертатсия ҳамзамон даҳҳо ҷанбаҳои навоварона ба мушоҳида мерасанд, ки ҳамчун навгониҳои мустақил номбар нашудаанд, онҳо бозгӯи сатҳи баланди тахассусӣ ва қобилияти таҳлилии амиқи тадқиқотӣ мебошанд. Бештари навовариҳои пешниҳодгардида бори аввал ба доираи илми назарияи давлат ва ҳуқуқи тоҷик ворид шуда, дар ин замина арзиши баланди илмӣ касб менамоянд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳим дар таҳқиқоти мазкур, пешниҳод ва таҳлили мафҳумҳои нав бо таърифҳои муаллифӣ мебошад. Аз ҷумла:

1. Дар навгонии аввал, муаллиф моҳият ва муҳтавои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро шарҳ дода, онро ҳамчун шакли махсуси сиёсати ҳуқуқӣ ва самти афзалиятноки он муайян кардааст (Дисс., с. 20). Гарчанде дар назари аввал чунин мушаххассозӣ эҳтимоли вуҷуди ихтилофи мантиқиро ба миён орад, таҳлили амиқи муаллиф нишон медиҳад, ки чунин фарқгузорӣ комилан асоснок ва мантиқист.

2. Навгонии дуюм ба муайян намудани меъёр ва нишондиҳандаҳои нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бахшида шудааст, ки ба тавсеаи назариявии масъала мусоидат менамояд.

3. Дар навгонии сеюм, муаллиф мафҳуми ҳуқуқэҷодкуниро дар ду шакл — васеъ ва маҳдуд — таъриф намуда, робита ва ҳамбастагии онро бо дигар падидаҳои ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

4–5. Дар навгониҳои минбаъда, муаллиф ба масъалаи номушаххасии ченакҳо дар таърифи ҳуқуқэҷодкунӣ ва таъсири омилҳои гуногун ба ин раванд таваҷҷуҳ намуда, хулосаҳои назариявию амалиро пешниҳод намудааст.

6. Навгонии шашум ба таҳлили муфассали усул ва принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бахшида шудааст (Дисс., с. 22), ки барои таҳкими асосҳои назариявии мавзӯъ мусоидат мекунад.

7. Дар навгонии ҳафтум, муаллиф таснифи субъектҳои ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод намуда, масъалаи салоҳият ва вазифаҳои онҳоро систематизатсия кардааст.

8. Дар таҳқиқот, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки сарвари давлат дар ташаккул ва татбиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ «нақши марказӣ ва махсус» дорад (Дисс., с. 23), ки аҳамияти сиёсати ҳуқуқӣ дар сатҳи олӣ таъкид мегардад.

Навгониҳои дигар ба истифодаи воситаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ марбутанд, ки аҳамияти онҳо дар самаранокии амалисозии ҳуқуқ ба таври равшан нишон дода шудааст. Дар ин замина, муаллиф ба андешаи Р. Иеринг ишора менамояд, ки норасоии техникӣ дар ҳуқуқ метавонад ба шикасти тамоми сохтори ҳуқуқӣ оварда расонад. Ин масъала дар илми ҳуқуқшиносӣ аксаран мавриди таваҷҷуҳи нокофӣ қарор мегирад, ки дар натиҷа ба коҳиши эътибори ҳуқуқ ва пайдоиши нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои техникӣ-ҳуқуқии ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун бахши муҳими мавзуи диссертатсионӣ шинохта мешавад.

Дар яке аз навгониҳои дигари муҳим, муаллиф мақсади аслии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро — таъмини сифати қонун — муайян намуда, онро асоси танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ медонад (Дисс., с. 25). Дар ин раванд, ҳамгироии се унсур — сиёсати ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ — бо ҳадафи таҳияи санадҳои меъёрии босифат муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар навгонии дувоздаҳум, муаллиф мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро пешниҳод намуда, онро чунин таъриф мекунад: «Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ мебошад, ки дар доираи навъҳои муайяни тамаддуну фарҳанг, дар муҳити фарҳангии ин ё он халқ, бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлати муайян ташаккул ёфта, ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити тағйирёбандаи таърихӣ ва фарҳангӣ тавассути ҳимояи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат менамояд». Ин таъриф дорои заминаи назариявии васеъ буда, қобили дастгирии илмӣ мебошад.

Навгонии сенздаҳум ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои нав, ки дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотию рақамӣ ба вуҷуд меоянд, бахшида шудааст. Муаллиф чунин равандро ҳамчун самти нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ менамояд.

Дар навгонии чордаҳум, дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунии миллӣ бо истифода аз технологияҳои зеҳни сунъӣ арзёбӣ гардида, вазифаҳои мушаххаси он барои оянда таъйин мегарданд.

Дар навгонии понздаҳум, нақши паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки паёмҳо на танҳо воситаи ифодаи ташаббусҳои сиёсӣ, балки шакли амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мебошанд.

Ҳамин тариқ, бештари навгониҳои илмии пешниҳодшуда бори аввал ба илми ҳуқуқшиносии тоҷик ворид гардида, дорои заминаи назариявӣ, асосноки методологӣ ва аҳамияти амалӣ мебошанд. Ин навовариҳо имконият медиҳанд, ки масъалаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз дидгоҳи нав ва дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва давлатӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор гирад.

Асоснок ва ҳақиқӣ будани хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Навгонӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада, дарасоси таҳлилу омӯзиши зиёда аз 536 сарчашмаи илмӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, таҳқиқоти диссертатсионӣ, манбаҳои интернетӣ ва ғайра хулоса карда шудаанд. Муаллиф таҳқиқоти худро барои муҳокимаи ошкоро дар шакли гузоришу маъруза ва монографияву мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст. Аз ҷумла оид ба мавзуи таҳқиқот 1

монография, 23 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои феҳристи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 мақолаи дар маҷмуи мақолаҳои конфронсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ таҳия, маъруза ва нашр намудааст.

Асосноки таҳқиқоти Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбекро дар заминаи истифодаи методологияи муосири илмӣ исбот намудан мумкин аст. Номбурда аксарияти усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмро ҳангоми омӯзиши воқеъияти ҳуқуқӣ истифода бурдааст, ки он имконият фароҳам овардааст, то докторант ба хулосаҳои объективонаи илмӣ расад.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натоиҷи диссертатсия бо пешниҳоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Аҳаммияти илмии диссертасияи Сафарбекзода Ҳ.С. дар он аст, ки яке аз масоили мушкили фундаменталии назариявиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Докторант дар назди худ вазифагузорӣ намуда, чӣ тавре таҳлили диссертатсия нишон медиҳад вазифаҳоро сарбаландона иҷро намуда ба мақсад расидааст.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он аст, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо фаъолияти ҳуқӯқэҷодкунӣ вобаста буда, охири маҳсули ин сиёсат аст, аз ин ҷо масъалаи мазкур масъалаи амалӣ мебошад. Сафарбекзода Ҳ.С. яке аз масоили амалии илми ҳуқуқро таҳқиқ ва ҷанбаҳои гуногуни амалии онро ошкор ва хулосабарорӣ намудааст. Муаллиф бо таҳқиқоти худ консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар шароити давлати милливу ҳуқуқбунёд таҳия намудааст, ки барои мушаххасу муайян намудани мавқеи кишвар дар ҳаллу баррасии масоили минтақавию ҷаҳонӣ имконият фароҳам меорад.

Хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия дар фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, дар фаъолияти Парлумони кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷараёни таҳлилу табиқи барномаҳои давлатӣ, таълиму тарбияи насли нави ҳуқуқшиносон метавон истифода бурд.

Сохтори диссертатсия ба талаботи илмӣ мувофиқ буда, мантиқан ба бобу зербобҳо ва қисмати муқаддимавию хулосаҳо тақсим карда шудааст. Қисматҳои диссертасия моҳияти корро ифода ва бо якдигар алоқаманд мебошанд.

Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.

Натоиҷи таҳқиқоти докторант ба таври васеъ нашр гардида, маводи нашргардида муҳтавои асосии таҳқиқотро ифода менамоянд. Феҳристи моногарфия ва мақолаҳои илмии докторант иборат аз 1 монография, 23 мақолаҳои илмии маҷаллаҳои феҳристи

Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 мақола дар маҷмуи мақолаҳои конфронсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, 1 дастури таълимӣ ва 1 китоби дарсӣ мебошанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни диссертатсияро ба таври пурра фаро гирифта, мазмуну муҳтавои диссертатсия дар шакли мухтасар ифода менамояд.

Диссертатсия дар самти ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимотҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳия шуда, доираи васеъи масоили назариявӣ-ҳуқуқӣ, амалияи ҳуқуқӣ ва муқоисаи ҳуқуқиро фаро мегирад.

Дар қатори дастовардҳои илмӣ ва эҷодие, ки дар рисолаи пешниҳоднамудаи муаллиф ба мушоҳида мерасанд, баррасии як қатор масоили баҳсбарангез низ зарур мебошад. Ба вижа, баъзе андешаҳо ва хулосаҳои муаллиф дар мавридҳои алоҳида эҳтиёҷ ба таҳлили иловагӣ ва шарҳи муфассал доранд, ки бо дарназардошти асосҳои назариявӣ ва мантиқи илмӣ метавонанд такмил дода шаванд.

1. Дар саҳифаи 79 зербоби якуми боби дуюм, муаллиф ба таҷрибаи Федератсияи Россия мурочиат намуда, нашри Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии ин кишварро дар соли 2011 ҳамчун намунаи таҳқиқоти муассир дар ин самт арзёбӣ мекунад. Муаллиф бо такя ба ин мисол, хулоса мебарорад, ки то ба имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таҳқиқ ва Консепсияи ҳуқуқэҷодкунӣ мавҷуд набуда, ташкили он вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеаи илмии кишвар мебошад. Бо вуҷуди асос доштани ниёзи воқеӣ ба таҳияи чунин ҳуҷҷати стратегӣ, худи тарзи матраҳсозии масъала метавонад баҳсбарангез арзёбӣ гардад.

Ба андешаи мо, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ қарор дошта, нақши калидиро маҳз ниҳодҳои расмии қудратманд, ба вижа мақомоти қонунгузор ва президентӣ, ба зимма доранд. Аз ин рӯ, таҳияи Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ҳамчун раванди муштараки мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои илмӣ ба роҳ монда шавад, ки дар он на танҳо олимон, балки коршиносони амалии соҳа ва шахсиятҳои масъули давлатӣ низ ширкат варзанд. Таҳия ва қабул намудани санади муҳиме чун Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дорои аҳамияти стратегӣ барои сиёсати ҳуқуқии миллӣ мебошад, бояд аз ҷониби сохторҳои расмии давлатӣ дар ҳамкорӣ бо муҳаққиқони соҳавӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ сурат гирад. Танҳо дар ин сурат метавон ҳадафҳои илмӣ ва амалию ҳуқуқиро ба таври муассир ба ҳам пайваст намуд.

2. Дар зербоби сеюми боби якум (сах. 73), муаллиф андешаҳои як қатор донишмандонро дар бораи мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ таҳлил намуда, бо истифода аз усули дифференсиатсия, онро дар ду шакл — маънои маҳдуд ва маънои васеъ — тавзеҳ медиҳад. Ба гуфтаи муаллиф, дар маънои маҳдуд ҳуқуқэҷодкунӣ фақат ҷараёни таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, дар ҳоле ки дар маънои васеъ он ҳамзамон татбиқи амалии ин санадҳоро низ фаро мегирад.

Бо вуҷуди ҷолиб будани чунин тасниф, ин таҳлил метавонад бо ақидаҳои устувори назарияи ҳуқуқ дар бораи ҷудоии ду марҳалаи калидии фаъолияти ҳуқуқӣ — яъне ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалисозии ҳуқуқ — мухолифат дошта бошад. Дар назарияи анъанавии ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун марҳалаи ташаккули ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки бо фаъолиятҳои институтсионалӣ ва қарорсозии мақомот, ба вижа парлумон, алоқаманд аст. Аммо амалисозии ҳуқуқ марҳалаи минбаъда ва аз ҷиҳати субъектӣ низ фарқкунанда мебошад, ки дар он ниҳодҳои татбиққунанда, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва муассисаҳои идорӣ нақш доранд. Аз ин рӯ, тавсеаи мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ба фаъолияти татбиқии ҳуқуқ метавонад ба омехтаи ду низоми гуногун оварда расонад ва ба фаҳмиши дақиқи функсияи ҳар кадом халал ворид созад.

3. Дар зербоби чоруми боби дуюм (сах. 144–145), муаллиф мақомот ва шахсони дорои салоҳияти ҳуқуқӣ (ҳокимиятӣ)-ро ҳамчун "субъекти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ" ва дигар шахсону ташкилотҳоро ҳамчун "иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ" таъриф медиҳад. Ин фарқгузорӣ, ки ҳадафи он метавонад систематизатсияи субъектони раванди ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, дар заминаи илмӣ то андозае баҳсбарангез мемонад. Зеро мафҳумҳои "субъект" ва "иштирокчӣ" аз лиҳози мантиқӣ ва функсионалӣ ба ҳамдигар наздик буда, дар бисёр мавридҳо ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно истифода мешаванд. Ҳар ду гурӯҳ дар раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ саҳм мегиранд, ҳатто агар сатҳи иштироки онҳо фарқ дошта бошад.

Аз дидгоҳи илмии муосир, ҳар нафар ва ҳар ниҳоде, ки дар таҳия, баррасӣ, ташвиқ, қабули ҳуқуқ ва татбиқи он нақш дорад, метавонад ба сифати субъекти сиёсати ҳуқуқӣ ва, ҳамзамон, иштирокчии он арзёбӣ гардад. Аз ин рӯ, пешниҳод кардани ду мафҳуми алоҳида, бе шарҳи фарқи асосноки методологӣ ва мантиқӣ байни онҳо, эҳтимоли нофаҳмиро дар муҳити илмӣ зиёд мекунад. Барои риояи дақиқии истилоҳот, тавсия

мегардад, ки ё бо таърифи равшан ва устувори ҳар мафҳум таҳлил амиқ гардад, ё ин ки мафҳуми умумии "субъект" барои ҳамаи иштирокчиёни раванд истифода шавад.

4.Дар саҳифаи 247 (зербоби якуми боби чорум), муаллиф мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро тавсиф намуда, онро ҳамчун маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ ва тамаддунӣ, ки дар муҳити муайяни иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккул ёфтаанд ва ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат менамоянд, муаррифӣ мекунад. Бо вуҷуди он ки чунин таъриф талошест барои нишон додани робитаи мутақобилаи фарҳанг ва ҳуқуқ, ворид намудани унсурҳои танзимгаро ва ҳатмии низоми ҳуқуқӣ ба доираи фарҳанг метавонад муҳтавои ин мафҳумро нодуруст тавсеа диҳад.

Фарҳанг, тибқи фаҳмиши умумии илмҳои ҷомеашиносӣ, маҷмуи арзишҳо, рамзҳо ва анъанаҳое мебошад, ки ҷомеа онҳоро интиқол медиҳад ва ҳифз менамояд. Ҳуқуқ бошад, сарфи назар аз заминаҳои фарҳангии ташаккули он, дорои сохтори танзимкунанда ва ҳатмии меъёрӣ мебошад. Омезиши ин ду низом, агарчи дар таҳлили фалсафии ҳуқуқ қобили баррасист, дар заминаи истилоҳшиносии ҳуқуқшиносӣ метавонад ба омехтагии функсионалии мафҳумҳо сабаб гардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳангоми пешниҳоди мафҳуми "фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ" равшанӣ дар бораи фарқ миёни арзишҳои фарҳангӣ ва талаботи меъёрии ҳуқуқӣ дода шавад ва саҳми ҳар кадом унсур ба таври мустақил арзёбӣ гардад.

Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои мубрам – сиёсати ҳуқуэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба рушди минбаъдаи сиёсати қонунэҷодкунии кишварамон бахшида шудааст.

Диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» аҳаммияти назарӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат дошта, таҳқиқоти пурраву комил мебошад, ки навгониҳои илмӣ дорад. Хулосаю пешниҳодҳои таҳияшуда холигиро дар омӯзиши илмии ин масъалаҳо пурра намуда, имконият барои ҳаллу баррасии як қатор масъалаҳои мубрами ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалисозии ҳуқуқро фароҳам меоваранд.

Диссертатсия бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» таҳқиқоти илмии мустақилона таҳияшуда, анҷомёфта, комил, маҷмуӣ ба шумор меравад, ки дар он муаммоҳои фундаменталӣ ва мушаххаси илмӣ баррасӣ ва роҳҳалҳои худро ёфтанд.

Дар заминаи андешаҳои болозикр, хулоса карда мешавад, ки диссертатсияи илмӣ: «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» таҳқиқоти комилу пурра ва ба талаботи илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он – Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввал, муовини директори ичроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои
байналмилалии филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе **А.М. Диноршоҳ**

30.04.2025

Имзои А.М. Диноршоҳро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва
корҳои махсус **С.М. Пирназар**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Бохтар 35/1
Телефон: (+992 -37) 227-11-04;
Email: info@msu.tj